«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
профессор Насриддинзода Э.С.
________________________
«_26_» ___09_______2024 с.

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Абдуллоев Абдусалом Абосиевич дар мавзуи "Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ - Румӣ", ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа, ки дар кафедраи онтология ва назарияи маърифати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Диссертант Абдуллоев А. А. соли 2005 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм карда, соли 2009 зинаи аспирантураро аз руйи ихтисоси таърихи фалсафа дар Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ хатм намудааст. Маълумотнома оид ба супоридани имтиҳонҳои ҳадди ақал санаи 24 апрели соли 2024, №1178 дода шудааст. Аз соли 2023 то имруз фаъолияти худро ба ҳайси муовини сардори мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон давом дода истодааст.

**Роҳбари илмӣ: Маҳмадҷонова Муҳиба Талатҷоновна** – доктори илмҳои фалсафа, профессор, сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафа аз рӯйи муҳокимаи диссертатсияи Абдуллоев Абдусалом Абосиевич дар мавзӯи "Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ - Румӣ" хулосаи зеринро қабул кард:

Диссертатсияи Абдуллоев А. А. кори илмии анҷомёфта буда, дорои арзишу аҳаммияти назариявию методологӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Он мустақилона иҷро гардида, дорои натиҷаҳои арзишманди илмӣ мебошад.

Дар рафти таҳқиқоти илмӣ ва таҳияи диссертатсия, муаллиф аз усул ва равишҳои маъмули фалсафӣ истифода намуда, масъалаи инсонро дар таълимоти фалсафии Ҷалолуддин Балхиро аз диди аксиологӣ таҳлил намудааст.

Дар диссертатсия заминаҳои ташаккули таълимот дар бораи арзишҳои инсонӣ дар мактабҳои фалсафии Шарқи асримиёнагӣ баррасӣ қарор гирифта, муаллиф тавонистааст, ки муҳиммияти онро барои ҷомеаи имрузаи Тоҷикистон асоснок карда, исбот намояд. Диссертант дуруст қайд менамояд, ки таҳқиқи масъалаҳои аксиологӣ дар низоми таълимоти инсоншиносӣ бо арзёбии манбаъҳо ва омилҳое, ки ба ташаккули назарияи этикӣ-эстетикии Ҷалолуддини Балхӣ ҳамчун бунёдгузори таълимоти мумтозу нодири ҳовии ахлоқ, санъат ва маърифати эстетикии олам, таҳияшуда бо такя ба анъанаи пурғановати этикӣ-эстетикии халқи худ, таҷрибаи пешқадам ва идеяҳои фохираи инсонии таҷассумгари анъанаи бой ва идеяҳои фарҳангии Осиёи Сағир то ҳол анҷом наёфтааст. Қайд карда мешавад, ки антропоаксиологияи Мавлоно инсонро мувazzаф ва масъул дар ҳама сохаҳои ҳаёт меҳисобад ва манобеи ин андешаро ӯ аз таълимоти фалсафӣ-этикии ислом ва тасаввуф бардошт кардааст. Мавлоно ақида дорад, ки инсон пас аз он ки ба озодии худ итминон пайдо мекунад, ба дарки масъулияти хеш мепардозад.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ба мубрамияти он вобастагӣ дорад. Муқаррароту хулосаҳои дар таҳқиқот пешниҳодгардида ба назари методологияи таърихи фалсафии афкори этикӣ-эстетикии Мавлоно аз нуқтаи назари аҳамияти арзишӣ доштанаш таҳқиқ карда шудааст. Ҳангоми таълифи мавзуи мазкур равишҳои методологӣ ва хулосаҳои назариявие истифода гардидаанд, ки дар он инсон, мисли ҳамон орифе, ки аз ҳеҷ чизе наметарсад ва ба ҳеҷ чизе аҳамият нахоҳад дод ва барои ӯ тафовуте нест, ӯ ҳамаро фаромӯш месозад ва танҳо ба сӯйи фақирию ғайриҳастӣ мекӯшад, нишон дода шудааст. Муаллиф аҳамияти амалӣ ва муҳимияти таҳқиқи масъалаи инсонро аз нуқтаи назари аҳамияти арзишӣ доштанаш дар заминаи усули фалсафӣ тадқиқ намуда, таваҷҷуҳи зиёд ба масъалаи инсон ва шахс, муроҷиат ба мероси тасаввуф, аз ҷумла ба назарияи инсонмеҳвар, амалияи маънавӣ ва идеяҳои Ҷалолуддини Балхӣ, ҳамчун арзиши олии олам ва баррасии масъалаҳои арзишҳои ахлоқӣ-эстетикии дар шароити имрузаи пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим меҳисобад.

Дар диссертатсияи мазкур ҳамчун методҳои классикии таърихӣ-муқоисавӣ, мантиқӣ-танқидӣ ва диалектикӣ, методи бархурди аксиологӣ дар таҳлили масъалаи инсон ва шахс, зуҳуроти ҷамъиятӣ ва таҳлили ахбор истифода шудааст. Асоси методологии диссертатсияро идеяҳо ва таҳқиқотҳо, назарияҳо ва консепсияҳои фалсафии мутафаккирони классикии Шарқ, Ғарб, Россия ва Осиёи Марказӣ, инчунин таҳқиқоти илмӣ ва методологияи муҳаққиқони фалсафӣ ва антропологияи фалсафии ватанӣ ташкил кардаанд.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқи рисолаи мазкур муқаррар сохтани антропо-аксиология дар таълимоти Ҷалолуддини Балхӣ-Румӣ мақом, табиат ва аҳамияти инсон, инчунин муайян намудани он дар олам мебошад. Барои аз ҷиҳати таърихию фалсафӣ муайн намудани таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ ба ҷомеаи имрузаи Тоҷикистон таҳлили манбаъҳо ва равишҳои назариявии омӯзиши моҳият ва ҷавҳари антропо-аксиологияи инсони қудсӣ ва заминӣ дар афкори Мавлоно мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Инчунин, қайд карда шуд, ки таҳқиқи таълимоти этикӣ-эстетикии асримиёнагӣ мубрамияти худро на танҳо бар асари мероси баланди эстетикӣ доштанаш, ки фарҳанги тоҷик аз он бой буда, саҳми бебаҳои онҳо дар ташаккули фалсафаи ҷаҳонӣ, афкори этикӣ-эстетикӣ ва фалсафаи нодири тоҷик зиёд аст, балки ба сабаби зарурати маърифати амиқ ва ворид шуданаш ба фарҳанги муосир ҳамчун тақозои замон, пайдо мекунонад.

Муаллиф дар раванди таҳқиқи илмӣ иштироки фаъол намудааст. Ҳамчунин, ҳангоми муайян намудани мақсадҳои асосӣ, таҳқиқотҳои назариявии бадастоварда ва роҳҳои ҳалли натиҷавию хулосавии он иштирокчӣ ва саҳмгузор мебошад. Мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда оид ба мавзуи таҳқиқотӣ аз ҷониби муаллифи диссертатсия ба чоп расонида шудаанд, ҷанбаъҳои муҳимтарини диссертатсияро инъикос менамоянд.

Кори диссертатсионии мазкур яке аз мавзуҳое мебошад, ки аз ҷиҳати таърихи фалсафӣ таҳлил карда шуда, таваҷҷуҳи зиёд ба масъалаи инсон ва шахс, муроҷиат ба мероси тасаввуф, аз ҷумла ба назарияи инсонмеҳвар, амалияи маънавӣ ва идеяҳои Ҷалолуддини Балхӣ-Румӣ, ҳамчун арзиши олии олам ва баррасии масъалаҳои арзишҳои ахлоқӣ-эстетикии ӯ барои ҷомеаи тоҷикистонӣ нишон дода шудааст. Дар раванди омӯзиш ва таҳлилу баррасии масъалаи масъалаи мазкур диссертант якчанд навгониҳоро пешниҳод кардааст:

1. Зарурати баррасии ҷиддии арзишҳои маънавӣ, ки ифодагари оқибатҳои буҳрони маънавӣ, беэътиноию бепарвоӣ, гӯшанишинию дилмондагии одамон ва эҳёи меъру арзишҳои воқеан универсалии ахлоқӣ асосонок карда шуда аст;

2. Аввалин бор аҳамияти арзишҳои маънавӣ-тасаввуфии афкори Мавлоно чун низоми мутаносибу мавзуни эстетикии такмилгари моҳияти инсон, эътимод ба худ ва раҳнамунсоз ба таҳаввулоти маънавӣ ва хайрхоҳи башар собит гардид;

3. Аввалин бор аҳамияти таълимоти арзишии Мавлоно дар фарҳанги миллӣ ва минтақавӣ чун асоси ташаккули идеологияи сулҳу мадоро, таҳаммулпазирии умумӣ ва динӣ, муҳаббат ба маърифат ва камолоти маънавӣ муайян гардидааст;

4. Аввалин бор бунёди эстетикии таълимоти Мавлоно ҳамчун ҳудудҳои таълимоти "инсони комил" муқаррар гардидааст.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф моҳияти диссертатсияро фаро гирифта, ба он ҳамоҳанг карда шудаанд.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудаанд:**

[1-М] Абдуллоев А.А. Масъалаҳои гендерӣ дар ҳастишиносии Ҷалолуддини Румӣ// Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (силсилаи фалсафа ва ҳуқуқ). – Душанбе: Дониш, 2010. –№1. – С.15-20.

[2-М] Абдуллоев А.А. Ҷанбаҳои онтологии фалсафаи инсони Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ // Маҷаллаи илмии Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Илм ва амният». – Душанбе: нашриёти МО КДАМ ҶТ, 2023. – №3(5). – С.68-77

[3-М] Абдуллоев А.А. Инсон ҳамчун объекти этикӣ-эстетикӣ дар андешаҳои Мавлоно // Маҷаллаи илмии Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Илм ва амният». – Душанбе: Меҳвар, 2024. – №1(7). –С.54-64.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он аст, ки ӯ тавонистааст, яке аз мавзуи мубрами таърихи фалсафаи тоҷикро, ки барои ҷомеаи имрузаи тоҷикистонӣ хело муҳим мебошад интихоб карда, мақсад ва вазифаҳои онро муайян намуда, объект ва предмети таҳқиқоти худро бо услуби дурусти илмӣ мушаххас намояд.

Номи мавзӯъ, сохтор ва таркиби диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа мувофиқ буда, бо «Номгӯи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 4 декабри соли 2014, №765 тасдиқ шудааст, алоқамандӣ дорад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Абдуллоев Абдусалом Абосиевич дар мавзуи "Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ - Румӣ", ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа пурра мувофиқат менамояд. Мақолаҳои чопнамудаи муаллиф ва автореферати диссертатсия мухтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамоянд. Диссертатсияи мазкур аз рӯйи сохтори худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи Абдуллоев Абдусалом Абосиевич дар мавзуи "Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ - Румӣ", ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа кори мустақилона ва анҷомёфта буда, барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 тавсия карда мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид. Дар маҷлис 13 нафар иштирок карданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 13 нафар; "зид" – нест, "бетараф" – нест. Суратҷаласаи № 3 аз 26 сентябри соли 2024.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи онтология ва
назарияи маърифати факултети
фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
н.и.ф., дотсент — Ҳаитов Ф.Қ.

**Котиби ҷаласа:**
Ассистенти кафедраи онтология
ва назарияи маърифати Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон — Маҳмадизода Н.А.

**Имзои Ҳаитов Ф.Қ ва
Маҳмадизода Н.А-ро тасдиқ мекунам:**

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДМТ — Тавқиев Э.Ш.